**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи «Роҳзанӣ: масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2026- 39 саҳ.).**

Автореферати диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом мутобиқ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқоти илмиро ба таври муназзам, возеҳ ва мантиқӣ инъикос менамояд.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки дар он унсурҳои асосии кори илмӣ, аз ҷумла мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмет, асосҳои назариявию методологӣ, заминаи эмпирикӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо, инчунин нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда пурра ва дар ҳамоҳангӣ бо меъёрҳои корҳои илмӣ баён гардидаанд.

Автореферат мазмуни диссертатсияро бо шакли фишурда, вале дар айни замон кофӣ инъикос намуда, имкон медиҳад, ки дараҷаи омодагии илмии муаллиф, сатҳи таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин саҳми шахсии ӯ дар рушди илм дуруст арзёбӣ карда шавад. Мазмун ва сохтори автореферат ба стандартҳои қабулгардидаи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, робитаи мантиқии қисматҳои он риоя гардидааст.

**Мубрамии мавзуи интихобгардида** бо ҳолатҳои зерин асоснок мегардад:

– дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли афзоиши ҷиноятҳо ба муқобили моликият, аз ҷумла роҳзанӣ, ба мушоҳида мерасад, ки чунин ҷиноятҳо бо дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятӣ, зӯроварии ошкоро ва таҷовуз ба неъматҳои асосии иҷтимоӣ: моликият, ҳаёт ва саломатии инсон тавсиф меёбанд;

– дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ мушкилоти ҷиддӣ ҳангоми бандубасти ҷинояти роҳзанӣ ва ҷудо намудани он аз таркибҳои наздик, аз қабили ғоратгарӣ, тамаъҷӯӣ ва бандитизм ҷой доранд, ки ин ҳолат боиси гуногунтафсирии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва татбиқи номувофиқи онҳо мегардад;

– дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ то ҳол баҳсҳои илмӣ вобаста ба як қатор мафҳумҳои калидӣ, аз ҷумла мафҳуми «ҳуҷум», хусусият ва дараҷаи зӯроварӣ, инчунин сохтори тарафи объективӣ ва субъективии ҷинояти роҳзанӣ идома доранд, ки мавҷудияти нуқтаи назари ягонаи устуворро дар ин самт истисно менамояд;

– зарурати такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ, мутобиқ намудани он ба талаботи замони муосир ва баланд бардоштани самаранокии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқи моликият, таъмини адолати судӣ ва таҳкими қонуният ба миён меояд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мавзуи диссертатсия на танҳо саривақтӣ ва муҳим, балки дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии ҷиддӣ буда, ҷавобгӯ ба ниёзҳои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузории миллӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот аз маҷмӯи усулҳои умумимантиқӣ ва махсуси ҳуқуқшиносӣ истифода намудааст. Аз ҷумла, усулҳои диалектикӣ, таърихию ҳуқуқӣ, системавӣ-сохторӣ, догматикӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Муаллиф доираи васеи адабиёти илмӣ, меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ ва маводи амалияи судӣ-тафтишотиро таҳлил намуда, масъалаи баррасишаванда дар маҷмуъ таҳлил ва хулосабарорӣ намудааст.

Баҳои баланд ба заминаи эмпирикии таҳқиқот дода мешавад, ки он маълумоти омории Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи таҳлилии мақомоти корҳои дохилӣ, инчунин натиҷаҳои омӯзиши зиёда аз 100 парвандаи ҷиноятӣ оид ба роҳзаниро дар бар мегирад.

Сохтори диссертатсия мантиқӣ ва асоснок буда, аз муқаддима, се боб, нӯҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад, ки мутобиқати он ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки натиҷаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда ба объект ва предмети таҳқиқот пурра мувофиқ мебошанд. Вазифаҳои гузошташуда ҳал гардида, хулосаҳо бо далелҳои назариявӣ ва эмпирикӣ асоснок карда шудаанд.

Ба ҷумлаи натиҷаҳои муҳим ва навоваронаи таҳқиқот метавон ишора намуд:

– асоснок намудани хусусияти расмии таркиби ҷинояти роҳзанӣ;

– пешниҳод оид ба хориҷ намудани мафҳуми «ҳуҷум» аз диспозитсияи моддаи 249 КҶ ҶТ;

– муайян намудани меъёрҳои дақиқи фарқгузории роҳзанӣ аз ғоратгарӣ ва тамаъҷӯӣ;

– таҳлили амиқи аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи роҳзанӣ;

– пешниҳоди таклифҳои мушаххас ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла вобаста ба оқибатҳои аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан ҳангоми роҳзанӣ.

Аҳаммияти мусбат барои арзёбии кор дорои теъдоди кофии мақолаҳои илмии муаллиф мебошад, ки қисми онҳо дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Дар баробари баҳои умумии мусбат, лозим ба зикр аст, ки баъзе нуқтаҳо метавонанд хусусияти баҳсӣ дошта бошанд:

Пешниҳоди муаллиф оид ба хориҷ намудани мафҳуми «ҳуҷум» аз таркиби роҳзанӣ ниёз ба шарҳи иловагӣ дорад, хусусан дар робита ба фарқ намудани он масалан, аз қасдан расонидани зарари вазнин ё миёна ба саломатӣ, ки бо мақсади

ғаразнок содир мешавад. Зеро хориҷ намудани аломати ҳуҷум аз таркиби ҷиноятӣ роҳзанӣ метавонад дар фарқгузории ин ҷиноятҳо мушкилии муайян пеш орад.

Новобаста аз эродҳои дар тақриз зикршуда, бояд таъкид намуд, ки муаллиф таҳқиқоти мукаммал, ҳамаҷониба ва мустақили илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додааст. Кор бо сатҳи баланди таҳлили назариявӣ ва муносибати эҷодкорона иҷро гардида, масъалаи муҳими ҳуқуқи ҷиноятӣ – танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти ҷинояти роҳзанӣ ба таври амиқ, дақиқ ва асоснок баррасӣ шудааст.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии бадастомада дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии ҷиддӣ буда, метавонанд дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар амалияи судӣ ва тафтишотӣ ҳангоми бандубасти ҷиноятҳои ба муқобили моликият, аз ҷумла роҳзанӣ, васеъ истифода шаванд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи «Роҳзанӣ: масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти он» ба талаботи муқарраргардидаи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Сардори раёсати ҳуқуқи дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дотсент Давлатзода Д.Д.

**Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковски, 89, хонаи 13
E.mail: Dilovar0707@Mail.ru
Тел: корӣ 221-34-51
Мобилӣ 93-823-18-23

Имзои Давлатзода Д.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе Сайдуллозода Ф. Ф.
«21» 01 2026

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42. Тел.: +992 (37) 223-06-10; E.mail: dushanbe80@yahoo.com